# Фазилати илм

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Абдуссатори Ҳақназар

2010 - 1431

islamhouse.com

# فضل العلم

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حقنظر

2010 - 1431

Фазилати илм

Баноми худованди меҳрубон

Бародарон ва хоҳарони гироми неъматҳое, ки худованд дар ин дунё барои бандагонаш дода аст хеле зиёду бе ҳисобанд, чуноне, ки худованди бузург мефармояд:

﴿ وَءَاتَىٰكُم مِّن كُلِّ مَا سَأَلْتُمُوهُۚ وَإِن تَعُدُّواْ نِعْمَتَ ٱللَّهِ لَا تُحْصُوهَآۗ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَظَلُومٞ كَفَّارٞ ۝٣٤ ﴾ إبراهيم:٣٤

Тарҷума: «Ва аз ҳарчи хостаед ба шумо дода аст, ва агар бихоҳед неъматҳои худоро бишуморед (аз бас ки зиёданд) наметонед онҳоро бишуморед воқеан инсон ситамгар ва носипос аст».

Ва бузургтарин неъмате, ки худованд дар ин дунё барои бандагони мусалмонаш дода аст ин неъмати эмон ва ҳидоят бароҳи ҳақ аст, ки агар худованд ба фазли худ бандагони мусалмонашро ҳидоят намекард ҳеҷ вақт ҳидоят намеёфтанд, худованд мефармояд:

﴿ وَقَالُواْ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي هَدَىٰنَا لِهَٰذَا وَمَا كُنَّا لِنَهْتَدِيَ لَوْلَآ أَنْ هَدَىٰنَا ٱللَّهُۖ ۝٤٣ ﴾ الأعراف: ٤٣

Тарҷума: «Ва мегуянд худойро сипосгузорем ки моро ба ин (неъмати ҷовидон ва бепоён) роҳнамои фармуд, ва агар худованд (ба фазлу лутфаш) моро роҳнамои намекард ҳаргиз ҳидоят намеёфтем».

Ва инчунин аз бузургтарин неъматҳое, ки худованд дар ин дунё, ки барои каме аз бандогонаш насиб мегардонад ин (неъмати илм) аст.

Бале бародарон ва хоҳарони гироми илм бузургтарин неъмат аст барои инсон, чун илм инсонро огоҳ месозад ки худованд уро дар ин дунё беҳуда наофарида аст.

Худованд мефармояд:

﴿ أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ ﴿١١٥﴾ المؤمنون: ١١٥

Тарҷума: «Оё гумон бурдаед ки шуморо беҳуда офаридаем ва басуи мо баргардонида намешавед».

Ва инчунин илм бузургтарин неъмат аст чун инсонро аз сабаби пайдойшаш дар ин дунё огоҳ месозад. Худованд мефармояд:

﴿ وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ ﴿٥٦﴾ ﴾ الذاريات: ٥٦

Тарҷума: Ман ҷин ва инсро ҷуз барой парастиши худ наофаридам.

Ва инчунин илм бузургтарин неъмат аст чун қадр ва манзилати инсонро дар назди худо баланд месозад, Худованд мефармояд:

﴿ يَرْفَعِ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا مِنكُمْ وَالَّذِينَ أُوتُوا الْعِلْمَ دَرَجَاتٍ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿١١﴾ ﴾
المجادلة: ١١

Тарҷума: Худованд ба касонеки аз шумо эмон оварданд ва баҳрае аз илм доранд дараҷоти бузурге мебахшад.

Ва инсон дар назди худо ба миқдори эмон ва илмаш соҳиби дараҷа мешавад.

Ва инчунин аз фазилат ва бузургии илм ин аст ки тақво ва тарси худоро дар дили инсон ҷо мекунад

﴿إِنَّمَا يَخۡشَى ٱللَّهَ مِنۡ عِبَادِهِ ٱلۡعُلَمَٰٓؤُاْۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ غَفُورٌ ٢٨﴾ فاطر: ٢٨

Тарҷума: Танҳо бандагони доно ва донишманд тарси омехта бо таъзим доранд аз худо.

Дар тафсири ибни Касир аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят шуда аст ки ӯ (Абдуллоҳ ибни масъуд) фармуданд: Илм бо бисёр сухан гуфтан нест, балки илм бо бисёр тарсидан аз худост.

Ва Ҳасани басри дар бораи тарси худо мегуяд:

Олим касе аст ки дар ғайб аз худованд метарсад,ва дуст медорад ончизеро ки худо дуст медорад,ва зуҳд мекунад (тарк мекунад) ончизеро ки худованд уро бад мебинад.

Ва инчунин дар тафсири ибни Касир омада аст ки Саъӣд ибни Ҷубайр дар бораи тарси худо чунин мефармояд:Тарсидан аз худо ҳамон тарсеро мегуянд ки байни ту ва маъсияти худо дури кунад.

яъне: (Туро аз маъсияти худо дур кунад).

Ва пайғамбари худо дар ҳадиси шариф ки онро ҳазрати Муъовия ривоят карда аст мефармояд:

«من يرد الله به خيرًا يفقهه في الدين» متفق عليه.

Яъне: Касероки худованд бар у хайр бихоҳад, уро дар дини ислом фақиҳ ва олим мегардонад.

Аз ин ҳадис мо чунин мефаҳмем ки яке аз бузургтарин хайр барои инсон дар дунё олим будан дар дини ислом аст.

Ва аз бузургтарин фазилатҳои илм ин аст ки роҳи расидани биҳиштро барои инсон осон мегардонад .

Пайғамбари худо дар ҳадиси дигаре ки Абуҳурайра онро ривоят карда аст мефармояд:

«من سلك طريقًا يلتمس فيه علمًا، سهل الله له به طريقًا إلى الجنة». رواه مسلم.

Яъне:Касе бигирад думболи он роҳеро ки дар он талаби илм бошад, худованд роҳи расидан бар биҳиштро барой у осон мегардонад.

Албатта бародарон ва хоҳарони гироми калонтарин орзуӣ ҳар як бандаӣ мусалмон дохил шудани биҳишт аст ки худованд онро барой касонеки думболи илм мегарданд осон мегардонад.

Ва илм аст ки олимро аз ҷоҳил бартар месозад. Худованд мефармояд:

﴿ قُلۡ هَلۡ يَسۡتَوِي ٱلَّذِينَ يَعۡلَمُونَ وَٱلَّذِينَ لَا يَعۡلَمُونَۗ ٩ ﴾ الزمر: ٩

Тарҷума: Бигу! оё касоне ки медонанд, бо касонеки намедонанд баробар ҳастанд.

(Ва албатта ҳаргиз баробар нестанд).

Бародарон ва хоҳарони гироми чунонеки дидем илм фазилатҳои зиёде дошта аст, пас ҷавонии худро ғанимат дониста аз ин фазилатҳо худро бенасиб нагардонем. Чун ҷавони неъматест ки ҳарчи зудтар инсон онро аз даст медиҳад, ва касеки ин неъматро дар талаби илм истифода набарад дар калонсоли бо пушаймониҳои зиёде рубару мешавад.

Ва аз худованд талаби дуъо мекунем ки илми холис ва амали солиҳро насибамон гардонад.